# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абдуфайз дар мавзӯи «**Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо дарназардошти таъсироти сейсмикӣ**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология-минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. «Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ» пешниҳод шудааст.

Автореферати пешниҳодшуда ба омӯзиши қонуниятҳои пайдоиш ва рушди равандҳои ярч дар ҳавзаи водии рӯди Сурхоб - минтақае, ки бо шароити ниҳоят мураккаби геодинамикӣ фарқ мекунад, бахшида шудааст. Таҳқиқот яке аз самтҳои муҳиму мубрами геологияи муҳандисиро дар бар мегирад, ки ба арзёбии устувории нишебиҳо дар шароити фаъолнокии баланди сейсмикӣ ва тағйирёбии иқлим алоқаманд аст. Барои таъмини амнияти инфрасохтор ва аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ аҳамияти муҳим ва нақши калидӣ дорад.

Сохтори автореферат равшан ва мантиқан мураттаб дошта, аз муқаддима, чор боб ва хулоса иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 165 саҳифаро ташкил дода, 16 расм харитаҳо, ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад, ки аз 123 номгӯй иборат аст. Чунин тарзи таҳия имкон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада ба таври пурра ва равшан инъикос гарданд.

Мубрамияти мавзу бо зарурати такмили усулҳои пешгӯии ярчҳои сейсмогенӣ дар Тоҷикистон асоснок мегардад. Усулҳои анъанавии арзёбӣ аксаран таъсири маҷмӯии омилҳои сейсмикӣ ва деградатсияи яхбандии абадиро ба ҳисоб намегиранд. Аз ин рӯ, таҳияи равишҳои нави пешниҳоднамудаи муаллиф саривақтӣ ва дорои аҳамияти муҳимии амалӣ ба шумор меравад.

Навоварии илмии таҳқиқот дар истифодаи усули муосири таҳлили эҳтимолии хатари сейсмикӣ бо истифода аз маҷмааи барномавии CRISIS барои шароити водии рӯди Сурхоб зоҳир мегардад. Муаллиф бори аввал пойгоҳи мукаммали маълумотро таҳия намуда, харитаҳои рақамии эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ярчҳоро дар асоси ҳамгироии маълумоти саҳроӣ, маводи санҷиши фосилавӣ ва моделсозии математикӣ таҳия кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот хеле назаррас арзёби мегардад. Натиҷаҳои бадастомада ва харитаҳои пешгӯишуда метавонанд бевосита аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ҳангоми банақшагирии рушди ҳудудӣ, тарҳрезии иншооти инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ,

инчунин ҳангоми татбиқи чорабиниҳои коҳиши хатари офатҳои табиӣ истифода бурда шаванд.

Бо вуҷуди баҳои умумии баланди кор, аз рӯйи автореферат метавон як эродро баён намуд:
а назари мо, барои боз ҳам пурратар инъикос намудани натиҷаҳои таҳқиқот, дар автореферат овардани маълумоти кӯтоҳ оид ба манбаи параметрҳои ҳисобӣ ва дараҷаи мувофиқати натиҷаҳои моделсозӣ бо маълумоти мушоҳидавӣ мувофиқ мебуд.

Эроди зикршуда хусусияти мушаххаскунанда дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад.

Кори илмии Ёкубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи “Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ” ба пуррагӣ ҷавобгуи ҳама талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ аст.

Тақризнигор:
Мудири кафедраи геология
ва менеҷменти маъдану техникаи
факултети геологияи ДМТ н.и.г.-м. Қодиров А.А.

**Имзои -** Қодиров А.А. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
E-mail: info@tnu.tj, телефон: (+992 37) 221 62 25; (+992 37) 227 15 10

16.03.2026